“Тасдиқ мекунам”
Ректори Донишгоҳи давлатии
молия ва иқтисоди Тоҷикистон
н.и.п., дотсент Сатторзода Б.А.
________________________________
«07» ____________ соли 2026

**ТАҚРИЗИ**

**муассисисаи пешбар ба диссертатсияи Барнои Файзи Тағоймуродзода дар мавзуи “Таъминоти методии ташкили контроллинг дар бонкҳои тиҷоратӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.18 - Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит пешниҳод шудааст**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илм, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст**

Диссертатсияи Барнои Файзи Тағоймуродзода ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 5.2.18- Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит мутобиқат мекунад: 1.18 – Методологияи ташаккули нишондиҳандаҳои баҳисобгирӣ, ки дар сатҳи микро – ва макроиқтисод маҷмуи иҷтимоӣ иқтисодиро тавсиф мекунанд; 1.25 – Назария ва методологияи контроллинг; 1.27 – Асосҳои методологӣ ва вазифагузориҳои мақсадноки контроллинги идоракунӣ; 2.12 – Назария ва методологияи контроллинг.

**Муҳиммияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ**

Устувории фаъолияти бонкҳо омили калидии рушди бахши воқеии иқтисодиёт маҳсуб меёбад, зеро низоми бонкӣ ҳамчун таъминкунандаи асосии захираҳои сармоявӣ барои субъектҳои хоҷагидорӣ нақши ҳалкунанда дорад.

Дар шароити муосири рушди иқтисоди ҷаҳонӣ ва таъсири бухронҳои молиявӣ, масъалаи такмили низоми идоракунии ташкилотҳо, аз ҷумла бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба яке аз вазифаҳои калидии сиёсати иқтисодӣ табдил ёфтааст. Талабот ба рақобатпазирӣ, самаранокии фаъолият ва устувории молиявӣ зарурати истифодаи воситаҳои муосири идоракуниро, бахусус контроллингро, тақозо менамояд.

Бо вуҷуди мавҷуд будани таҳқиқоти муайян дар соҳаи менеҷмент, бахши контроллинг ҳамчун унсури муҳими таъмини иттилоотии раванди идоракунӣ дар шароити миллӣ ба таври кофӣ омӯхта нашудааст. Мавҷудияти ихтилофи назарҳо дар масъалаи мақом, салоҳият ва робитаи мутақобилаи

контроллинг ва баҳисобгирии идоракунӣ зарурати таҳқиқоти амиқ ва низомнокро асоснок месозад. Илова бар ин, паст будани сатҳи рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ, норасоӣ дар низоми идоракунии хавфҳо, заифии робитаи байни ҳадафҳои стратегӣ ва фаъолияти амалии бонкҳо, инчунин истифодаи маҳдуди иқтидори контроллинг, аҳамияти амалии мавзуи интихобшударо боз ҳам бештар менамояд. Аз ин лиҳоз, таҳқиқоти мазкур дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ буда, ба рушди илмии соҳаи идоракунӣ ва такмили фаъолияти низоми бонкии кишвар мусоидат менамояд.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ** пеш аз ҳама, аз навгониҳои илмӣ бармеоянд. Дар асоси таҳқиқоти гузаронидашуда натиҷаҳои муҳимми илмии бадастомада, ки навгонии илмии кори диссертатсиониро ташкил медиҳад, инҳоянд:

1. Дар асоси омӯзиши адабиёти ватанӣ ва хориҷӣ таърифи муаллифии контроллинг пешниҳод гардидааст. Ҳамчунин контроллинг дар бонкҳои тиҷоратӣ ҳамчун шароитсози таъсиси инфрасохтори низоми мукаммали назорати дохилӣ, бартарии функсионалии он нисбат ба баҳисобгирии идоракунӣ муайян гардида, дар ҷараёни таҳқиқот пешниҳод гардидааст, ки баҳисобгирии идоракунӣ ҳамчун зернизоми он фаъолият намояд, зеро онҳо масъалаҳои ҳаммонандро фаро мегиранд, ки ин равиш ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти онҳо муосидат менамояд.

2. Дар натиҷаи таҳқиқот модели схемавии амалии равандҳои муқаррарсозӣ, татбиқ, мониторинг ва натиҷагирии ҳадафҳои стратегӣ барои бонкҳои тиҷоратӣ тахия ва пешниҳод шудааст. Хусусияти ин навоварӣ дар он аст, ки дар он ҳамгироии функсионалии ду низоми калидӣ — контроллинг ва баҳисобгирии идоракунӣ ба таври муназзам ва марҳилавӣ нишон дода шудааст. Модел имконият медиҳад, ки идоракунии стратегӣ ва назорати иҷрои ҳадафҳо дар асоси маълумоти ҳисоботии воқеӣ, нишондиҳандаҳои фаъолият (KPI) ва иштироки субъектҳои масъул (шуъбаҳои молиявӣ, қарзӣ, таҳлилгарон, аудити дохилӣ) амалӣ гардонида шавад. Ин пешниҳод дар шароити ҷорӣ, ки низомҳои таҳлилӣ ва назоратӣ дар аксари бонкҳои ватанӣ ҳанӯз то ба дараҷаи кофӣ ҳамгиро нашудаанд, ҳамчун як навоварии илмӣ ва амалӣ арзёбӣ мегардад.

3. Механизми ҳамгироии низоми контроллинг бо воҳидҳои сохтории бонки тиҷоратӣ асоснок гардонида шудааст, ки моҳияти он дар муайянсозии системавии объектҳои контроллинг тавассути таҳлили нуқтаҳои мушкилотдоштаи сохтори ташкилот ва фаъолияти амалиётии бонк ифода меёбад. Дар асоси ин таҳлил унсурҳои объектҳои контроллинг ва нишондиҳандаҳои марбутаи он муайян гардида, заминаи устуворро барои

назорат ва идоракунии раванди ноилшавӣ ба ҳадафҳои дарозмуддату кутоҳмуддат фароҳам месозанд.

**4.** Методҳои мавҷудаи контроллинг дар бонкҳои тиҷоратӣ таҳлил гардида, роҳҳои такмили онҳо тавассути истифодаи технологияҳои муосир пешниҳод гардидааст. Ҳамзамон такмили фаъолияти контроллинг ба воситаи ҳисоботҳои махсус бо мақсади танзим намудани дараҷаи хавфи иҷро нагаштани меъёрҳои ҳатмии БМТ, хавфҳои қарзӣ, бозорӣ, амалиётӣ, пардохтпазирӣ ва комплаенсӣ таҳия шудааст.

**Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳамияти он.**

Ҳамаи марҳилаҳои иҷрои нақшаи таҳқиқоти илмӣ, аз ҷумла интихоби мавзуъ, асосноккунии мубрамият, муайян намудани мақсад ва ҳалли вазифаҳои гузошташуда, аз ҷониби муаллиф пурра ва босамар амалӣ гардидаанд. Дар ҷараёни таҳқиқот довталаб таҳлили ҳамаҷонибаи назариявӣ ва амалӣ оид ба низоми контроллинг дар бонкҳои тиҷоратиро анҷом додааст. Бо такя ба истифодаи усулҳои таҳлили молиявӣ, муқоисавӣ ва моделсозии идоракунӣ, муаллиф равишҳои оптималии ташкил ва татбиқи системаи контроллингро пешниҳод намуда, дар асоси натиҷаҳои таҳқиқот тавсияҳои амалӣ ва методологиро таҳия кардааст, ки дорои аҳамияти назариявӣ ва амалии баланд мебошанд.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳамияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.**

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, даҳ зербоб, хулосаю пешниҳодҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда таркиб ёфтааст. Дар маҷмуъ, матни диссертатсия 199 саҳифаро ташкил намуда, дар он 27 ҷадвал ва 19 расм ҷой дорад.

Дар муқаддима мубрамии мавзуъ ва дараҷаи омӯзиши он асоснок карда шуда, мақсад, вазифаҳо, объект, предмет ва фарзияи таҳқиқот муйян карда шудаанд, навгонии илмӣ ва аҳамияти назариявию амалии диссертатсия инъикос гардидаанд, инчунин маълумот оид ба тавсифи натиҷаҳои таҳқиқот оварда шудааст (саҳ. 4-13). Дар боби якуми диссертатсия «Асосҳои назариявии контроллинг дар низоми идоракунии ташкилот» (саҳ. 14-60) довталаби дараҷаи илмӣ ҷанбаҳои таърихӣ, назариявӣ ва методологии ташаккул ва рушди контроллинг ҳамчун унсури муҳими низоми идоракунӣ таҳқиқ гардидаанд.

Дар параграфи якум, заминаҳои таърихии ташаккул ва рушди мафҳуми контроллинг таҳлил шуда, раванди пайдоиш ва инкишофи он дар ташкилотҳои иқтисодӣ баррасӣ гардидааст. Муаллиф бо такя ба таҳлили

сарчашмаҳои илмӣ марҳилаҳои асосии ташаккули контроллингро муайян намуда, онҳоро дар расми 1.1.1 ба се зина ҷудо кардааст: зинаи аввал (солҳои 1930–1970), зинаи дуюм (солҳои 1970–2000) ва зинаи сеюм (пас аз солҳои 2000). Ин таснифоти марҳилавӣ боиси амиқтар фаҳмидани эволютсияи контроллинг ва тағйирёбии нақши он дар низоми идоракунӣ мегардад, ки дорои навгонӣ ва аҳамияти назариявӣ мебошад.

Дар параграфи дуюм мафҳум, намудҳо, принсипҳо ва вазифаҳои контроллинг таҳлил гардида, нуқтаи назарҳои гуногуни олимон оид ба моҳияти он ҷамъбаст ва муқоиса шудаанд. Муаллиф мафҳуми классикии контроллингро таҳлил намуда, онро ба ду навъ – стратегӣ ва ҷорӣ ҷудо кардааст, ки ин тақсимот дар расми 1.2.1 инъикос ёфтааст. Дар асоси таҳлили амиқи адабиёти илмӣ, муаллиф таърифи муаллифии контроллингро пешниҳод намудааст, ки моҳияти системавӣ ва ҳамоҳангсози ин категорияро инъикос мекунад. Дар он контроллинг ҳамчун низоми ягонаи иттилоотӣ, таҳлилӣ, банақшагирӣ ва назорат баррасӣ гардида, нақши он дар қабули қарорҳои идоракунии асоснок ва ноил шудан ба ҳадафҳои стратегии ташкилот, аз ҷумла бонкҳо, возеҳ нишон дода шудааст (дар саҳ. 27,28). Ғайр аз ин, дар ҳамин параграф принсипҳои асосии фаъолияти контроллинг муайян ва гурӯҳбандӣ шуда, намудҳои фаъолияти он аз нигоҳи вазифавӣ ва ташкилӣ таҳлил гардидаанд. Муаллиф вазифаҳои контроллингро ба ду гурӯҳ – аввалиндараҷа ва ёридиҳанда (дар саҳифаи 44) ҷудо намуда, бо далелҳои илмӣ зарурати чунин гурӯҳбандиро асоснок кардааст. Дар параграфи сеюм, шартҳо ва заминаҳои объективии ҷорӣ намудани контроллинг дар бонкҳои тиҷоратӣ таҳлил гардидаанд. Муаллиф рушди низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистонро пас аз мустақилият ба даст овардани кишвар ва гузариш ба иқтисоди бозорӣ баррасӣ намуда, таъсири ин равандҳоро ба зарурати ҷорӣ намудани контроллинг дар фаъолияти бонкҳо асоснок кардааст. Дар ин замина, омилҳои асосии татбиқи контроллинг дар бонкҳои тиҷоратӣ, аз ҷумла мураккабшавии равандҳои молиявӣ, афзоиши рақобат, зарурати идоракунии хавфҳо ва баланд бардоштани самаранокии қарорҳои идоракунӣ муайян шудаанд.

Ҳамчунин, эволютсияи контроллинг дар низоми бонкҳои тиҷоратӣ таҳлил гардида, робитаи он бо тағйироти сохторӣ ва институтсионалии соҳаи бонкдорӣ нишон дода шудааст. Муаллиф бо истифода аз далелҳои таърихӣ ва таҳлили муқоисавӣ собит менамояд, ки ҷорӣ намудани контроллинг дар бонкҳои тиҷоратӣ на танҳо зарурати амалӣ, балки натиҷаи мантиқии рушди низоми идоракунии молиявӣ мебошад.

Дар боби дуюми диссертатсия, ки «Масоили ташкилию амалии контроллинг дар бонкҳои тиҷоратӣ» (саҳ. 60- 129) ном дорад, масъалаҳои

калидии ҳамоҳангсозии ҳадафҳо, рақобатпазирӣ ва ташкили баҳисобгирии идоракунӣ дар низоми контроллинг ба таври амиқ ва низомнок баррасӣ гардидаанд. Муаллиф бо истифода аз усулҳои таҳлилӣ, муқоисавӣ ва графикӣ раванди ташаккул ва татбиқи контроллингро дар фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ асоснок намуда, натиҷаҳои дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ пешниҳод кардааст.

Дар параграфи якум «Ҳамоҳангсозии ҳадафҳои бонкҳои тиҷоратӣ дар низоми контроллинг» раванди мақсадгузорӣ ва нақши контроллинг дар ташаккул, татбиқ ва назорати ҳадафҳои стратегӣ ва ҷорӣ таҳлил гардидааст. Муаллиф модели марҳилавии раванди муайянсозӣ ва иҷрои ҳадафҳоро тавассути бахши контроллинг (расми 2.1.1, саҳ. 61) пешниҳод намуда, онро ба зинаҳои таҳлили муҳити дохилӣ ва берунӣ, муайянсозии ҳадафҳо, банақшагирии амалҳо, татбиқи қарорҳо, мониторинг ва назорат, инчунин арзёбии натиҷаҳо ва таҳияи пешниҳодҳо ҷудо кардааст. Дар доираи ин раванд, нақши контроллинг ва баҳисобгирии идоракунӣ ҳамчун абзорҳои асосии таҳлил, банақшагирӣ, назорат ва пешгӯии хавфҳо асоснок гардидааст. Илова бар ин, истифодаи усули SWOT-таҳлил ҳамчун воситаи муҳими арзёбии мавқеи стратегӣ ва интихоби самтҳои афзалиятноки рушд нишон дода шудааст. Муаллиф ду равиши асосии мақсадгузориро таҳлил намуда, дар асоси натиҷаҳои амалӣ дар фаъолияти бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон собит кардааст, ки равиши дуюм — таҳияи стратегияҳои дарозмуддат ва марҳилавии ноилшавӣ ба ҳадафҳо — самараноктар буда, ба баланд шудани устувории фаъолияти бонкҳо мусоидат мекунад. Инчунин, хусусиятҳои асосии ҳадафҳо, таснифоти онҳо, мафҳуми миссия ва нақши он дар ташаккули «дарахти ҳадафҳо» ба таври илмӣ асоснок шудаанд.

Дар параграфи дуюм «Тақвияти рақобатпазирии бонкҳо бо истифодаи механизми назорати ҳадафнок» масъалаи алоқамандии мақсадгузорӣ ва стратегияҳои рақобатпазирӣ таҳлил гардидааст. Муаллиф нишон медиҳад, ки дуруст муайян намудани ҳадафҳо ва роҳҳои татбиқи онҳо омили калидии муваффақият дар бозори молиявӣ мебошад. Дар доираи таҳқиқот, стратегияҳои асосии рақобатпазирӣ, аз ҷумла камхарҷгардонӣ ва рушди хизматрасониҳои фосилавӣ (интернет-бонкинг, мобил-бонкинг, ҳамёнҳои электронӣ, терминалҳо ва банкоматҳо) таҳлил шудаанд. Ҳамчунин, тамоюлҳои асосии бозори молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бозори кортҳои пардохтӣ, динамикаи рушди пардохтҳои ғайринақдӣ, инфрасохтори онҳо (саҳ. 79–80) ва афзалиятҳою маҳдудиятҳои хизматрасониҳои рақамӣ барои бонкҳои тиҷоратӣ баррасӣ гардидаанд. Муаллиф инчунин равандҳои диверсификатсияи фаъолияти бонкҳоро нишон дода, машғул шудан ба намудҳои иловагии фаъолият, аз ҷумла лизинг, суғурта ва ғайра ҳамчун

омили таҳкими рақобатпазирӣ арзёбӣ мекунад. Дар ин замина, таснифоти стратегияҳои бонкӣ ва маҷмӯи абзорҳои контроллинг барои ноилшавӣ ба ҳадафҳои стратегӣ пешниҳод гардидаанд, ки дорои аҳамияти амалии назаррас мебошанд.

Дар параграфи сеюм «Ташкили баҳисобгирии идоракунӣ дар низоми контроллинг» муносибати байни контроллинг ва баҳисобгирии идоракунӣ ба таври назариявӣ ва амалӣ таҳлил шудааст. Муаллиф нуқтаи назарҳои олимонро ба се гурӯҳ ҷудо намуда, муносибати мутақобилаи ин ду мафҳумро равшан месозад. Дар асоси таҳлили илмӣ, муаллиф пешниҳоди муаллифиро асоснок менамояд, ки мувофиқи он баҳисобгирии идоракунӣ бояд дар сохтори контроллинг ҷойгир бошад, зеро ҳамгироии онҳо ба баланд шудани самаранокии иттилоотӣ, таҳлилӣ ва идоракунӣ мусоидат мекунад. Ин равиш ҳамчун яке аз навгониҳои муҳими таҳқиқот арзёбӣ гардида, бо мисолҳои амалӣ аз сохтори ташкилии бонкҳо тасдиқ мешавад. Илова бар ин, муаллиф мақоми контроллингро дар сохтори ташкилот нишон дода, ҷойгоҳ ва вазифаҳои онро ба таври схемавӣ пешниҳод кардааст.

Дар қисми ҷамъбастии боби мазкур (параграфи минбаъда) нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти бонкӣ, аз ҷумла нишондиҳандаҳои молиявӣ ва иқтисодӣ таҳлил ва тасниф гардидаанд. Муаллиф маҷмӯи нишондиҳандаҳои калидии самаранокӣ (KPI)-ро муайян намуда, онҳоро аз нигоҳи аҳамият, андозагирӣ ва татбиқи амалӣ баҳогузорӣ кардааст. Дар асоси таҳлил, роҳҳои такмили низоми нишондиҳандаҳо ва баланд бардоштани самаранокии баҳодиҳии фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ пешниҳод шудаанд, ки дорои аҳамияти баланди амалии идоракунӣ мебошанд.

Боби сеюми таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳти унвони «Такмили низоми контроллинг дар бонкҳои тиҷоратӣ» (саҳ. 129-174) дорои аҳамияти назариявӣ ва амалии баланд буда, ба ҳалли масъалаҳои такмили усулҳо, нишондиҳандаҳо ва воситаҳои контроллинг дар фаъолияти бонкҳо равона шудааст. Муаллиф дар асоси таҳлили амиқи вазъи мавҷуда, роҳҳо ва механизмҳои муосири рушди контроллингро пешниҳод намудааст, ки ба баланд бардоштани самаранокии идоракунӣ ва устувории фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ мусоидат менамоянд. Дар параграфи якум усулҳои контроллинг таҳлил ва гурӯҳбандӣ гардида, хусусиятҳои онҳо муайян шудаанд. Аз ҷумла, истифодаи буҷетбандӣ, таҳлили инҳироф аз нишондиҳандаҳои нақшавӣ, арзёбии хавфҳои молиявӣ, таҳлили омилҳо, мониторинги пайваста тавассути дашбордҳо, инчунин арзёбии самаранокии хизматрасонии мизоҷон ҳамчун абзорҳои калидии контроллинг асоснок гардидааст (расми 3.1.1, саҳ. 131). Алгоритми фаъолияти контроллинг, ки аз нӯҳ марҳила иборат аст (таҳлили муҳити дохилӣ ва берунӣ, ҷамъоварӣ ва таҳлили иттилоот, таҳияи ҳисоботи

идоракунӣ, дастгирии мақсадгузорӣ, банақшагирӣ, муайянсозии нишондиҳандаҳо, назорат, таҳлил ва ислоҳ), дар расми 3.1.2 (саҳ. 133) пешниҳод гардида, дорои аҳамияти баланди методологӣ ва амалӣ мебошад. Муаллиф ҳамчунин бартарӣ ва маҳдудиятҳои методҳои контроллингро таҳлил намуда, зарурати ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ, аз ҷумла Business Intelligence, дашбордҳо, таҳлили пешгӯишаванда ва зеҳни сунъиро ҳамчун самтҳои афзалиятноки такмили методикаи контроллинг асоснок мекунад. Дар параграфи дуюм «Таҳияи модели нишондиҳандаҳои вазъи ҷорӣ ва самтҳои афзалиятноки рушди он» камбудиҳои низоми амалкунандаи KPI дар бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян ва роҳҳои такмили онҳо пешниҳод гардидаанд. Муаллиф объектҳо ва унсурҳои объектҳои контроллингро муайян намуда, онҳоро дар расми 3.2.1 (саҳ. 148) ба таври схемавӣ нишон медиҳад. Дар асоси ин, маҷмуи нишондиҳандаҳои контроллингӣ таҳия гардидааст, ки дар расми 3.2.2 (саҳ. 150) инъикос ёфта, имкон медиҳад нуқсонҳои фаъолияти бонк саривақт ошкор ва тадбирҳои ислоҳӣ пешниҳод шаванд. Илова бар ин, модели татбиқи амалии нишондиҳандаҳо дар давраҳо бо нишон додани арзишҳои нақшавӣ, ҷорӣ, сабабҳои инҳироф ва чораҳои ислоҳӣ пешниҳод шудааст. Муаллиф инчунин системаи нишондиҳандаҳоро вобаста ба се намуди стратегия (баланд бардоштани самаранокии молиявӣ ва даромаднокӣ, тақвияти рақобатпазирӣ ва татбиқи стратегияҳои муттаҳидшуда) дар расми 3.2.4 (саҳ. 156) таҳия намудааст, ки дорои аҳамияти баланди амалӣ мебошад.

Дар параграфи сеюм «Ташкили ҳисоботи идоракунӣ ҳамчун абзори назорати хавфҳои бонкӣ» нақши ҳисоботи идоракунӣ дар идоракунии хавфҳои бонкӣ ба таври илмӣ асоснок гардидааст. Муаллиф зарурати ташкили низоми махсуси ҳисоботи идоракунӣ барои назорати хавфҳо ва иҷрои меъёрҳои ҳатмии Бонки миллии Тоҷикистонро нишон медиҳад. Назорати иҷрои меъёрҳои танзимкунанда пешниҳод гардида, дар он сатҳи хавф бо нишондиҳандаҳои визуалӣ муайян шудааст. Илова бар ин, дар расми 3.3.2 (саҳ. 169) идоракунии хавфҳои қарзӣ, бозорӣ, пардохтпазирӣ, амалиётӣ, комплаенс ва идоракунӣ бо истифода аз усули «светофор» инъикос ёфтааст. Муаллиф ҳамчунин истифодаи бенчмаркингро аз рӯи нишондиҳандаҳои молиявӣ, даромаднокӣ, пардохтпазирӣ, сифати хизматрасонӣ ва сатҳи навоварӣ ҳамчун воситаи муҳими таҳкими устувории фаъолияти бонкӣ асоснок мекунад.

**Дараҷаи саҳеҳии натиҷаҳои таҳқиқот** бо фароҳам овардани ҳаҷми кофии маводи таҳқиқотӣ, таъмини дақиқии маълумоти зарурӣ, дар асоси омор коркард шудани натиҷаҳои кори илмӣ ва интишорот тасдиқ мегардад.

Асоснокии хулоса ва тавсияҳоро таҳлили илмии таҳқиқотҳои назариявӣ-таҷрибавӣ ва натиҷагирӣ аз онҳо ташкил медиҳад.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.**

Дар умум диссертатсия аз рӯйи сохтор, мазмун ва муаррифии мантиқӣ ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот пурра мувофиқат мекунад. Дар диссертатсия методология ва амалияи такмили низоми контроллинг дар бонкҳои тиҷоратӣ ба таври мантиқӣ таҳқиқ карда шудааст. Муаллиф таҳлили ҷанбаҳои назариявӣ, методология ва амалияи низоми контроллингро таҳлил намуда, дар ин асос оид ба мукаммал гардондани он хулоса, тавсия ва пешниҳодҳои мушаххас таҳия намудааст. Истифодабарии пешниҳодҳо, тавсияҳо ва татбиқи амалии онҳо асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои илмии ба даст овардашудаи диссертатсия мебошад. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои гирифташудаи диссертатсияро баҳо дода, бояд қайд намуд, ки дар равиши таҳқиқот миқдори зиёди таҳқиқотҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ, санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳаи бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин ҳисоботҳо ва стратегияҳои бонкҳои кишвар истифода бурда шудаанд.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.**

**Аҳамияти илми**и диссертатсияи «Таъмини методии ташкили контроллинг дар бонкҳои тиҷоратӣ» дар он ифода меёбад, ки муаллиф заминаҳои назариявӣ ва таърихии ташаккул ва рушди контроллингро дар низоми идоракунии ташкилотҳо, аз ҷумла бонкҳои тиҷоратӣ, таҳлили ҳамаҷониба намудааст. Дар кори илмӣ моҳият, вазифаҳо, нақш ва ҷойгоҳи контроллинг дар низоми идоракунӣ аз нигоҳи илмӣ асоснок гардида, равобити он бо равандҳои банақшагирӣ, назорат, баҳодиҳӣ ва қабули қарорҳои идоракунӣ возеҳ нишон дода шудаанд. Натиҷаҳои бадастомада ба рушди минбаъдаи назарияи идоракунии бонкӣ ва ғанӣ гардонидани заминаи илмӣ оид ба контроллинг саҳми арзишманд мегузоранд.

**Аҳамияти амали**и диссертатсия дар он ифода меёбад, ки тавсияҳо ва пешниҳодҳои таҳияшуда дорои имконияти татбиқи мустақим дар фаъолияти амалии бонкҳои тиҷоратӣ мебошанд. Методҳо ва нишондиҳандаҳои такмилёфтаи контроллинг, моделҳои пешниҳодшудаи идоракунии равандҳои молиявӣ ва низоми баҳодиҳии хавфҳо метавонанд барои баланд бардоштани самаранокии идоракунӣ, риояи меъёрҳои ҳатмии БМТ ва кам намудани хавфҳои амалиётӣ истифода шаванд. Натиҷаҳои таҳқиқот инчунин дар раванди таълимии муассисаҳои таҳсилоти олии иқтисодӣ ва омодасозии мутахассисони соҳаи бонкдорӣ қобили истифода мебошанд. **Аҳамияти**

**иқтисодии** натиҷаҳои таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки татбиқи пешниҳодҳои муаллиф ба беҳтар гардидани нишондиҳандаҳои молиявии бонкҳо, коҳиш ёфтани хароҷот, баланд шудани даромаднокӣ, инчунин ба паст намудани хавфҳои бонкӣ мусоидат менамояд. **Аҳамияти иҷтимоии** натиҷаҳои диссертатсия дар баланд бардоштани сатҳи эътимоди мизоҷон ба низоми бонкӣ, беҳтар гардидани сифати хизматрасониҳои молиявӣ, таҳкими суботи иҷтимоию иқтисодӣ ва рушди касбии мутахассисони соҳаи бонкдорӣ ифода меёбад.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Вобаста ба мавзуи интихобгардидаи таҳқиқотӣ 13 мақолаи илмӣ, ки 6 ҷузъи чопиро ташкил медиҳанд, нашр гардидааст. Аз ин маҷмуъ 6 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.**

Барнои Файзи Тағоймуродзода мутахассиси варзида дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ, назорат ва таҳлили фаъолияти хоҷагидорӣ буда, имконияти мустақилона ҳал кардани масъалаҳои муҳими илмӣ дар ин самт дорад ва кори диссертатсионӣ ба самти тахассусии унвонҷӯ мутобиқ мебошад. Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ, сохтор ва мазмуни кори иҷрошуда ба талаботҳои муқарраршудаи шиносномаи тахассусии 5.2.18-Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит пурра мувофиқат мекунад. Натиҷаҳои илмии бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ ба талаботҳои чунин корҳо ҷавобгӯ мебошад. Ҳангоми тавсифи довталаб ба ҳайси таҳқиқотчӣ донишомӯзӣ, фидокорӣ, самаранокии баланд, масъулиятшиносӣ, қобилияти дар сатҳи баланд ташкил кардани кори илмӣ, қабули қарорҳои мустақил ва муайян кардани роҳҳои расидан ба ҳадаф ва вазифаҳои ба миён гузошташуда бояд таъкид карда шавад.

**Эродҳо ва баъзе тавсияҳо ба диссертатсия:**

1. Дар боби якум, бахусус дар параграфи «Заминаҳои таърихии ташаккул ва инкишофи консепсияи контроллинг», таҳлили муқоисавии равандҳои эволютсионии контроллинг дар кишварҳои дорои низоми молиявии гуногун метавонад боз ҳам васеътар ва амиқтар пешниҳод гардад.
2. Дар боби дуюм, параграфи дуюм равшанкунии фарқиятҳои мафҳумии байни «контроллинг» ва «баҳисобгирии идоракунӣ» метавонист бо мисолҳои иловагии амалӣ мустаҳкам карда шавад.
3. Дар боби дуюм, ҳангоми баррасии масъалаҳои ҳамоҳангсозии ҳадафҳои бонкҳо дар низоми контроллинг, робитаи байни нишондиҳандаҳои стратегӣ ва тактикӣ метавонист бо усулҳои графикӣ ва ҷадвалҳои муқоисавӣ пурратар нишон дода шавад.

4. Дар параграфи марбут ба ташкили баҳисобгирии идоракунӣ дар низоми контроллинг, зарурати мутобиқсозии баъзе равандҳои пешниҳодшуда ба хусусиятҳои институтсионалии бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонист муфассалтар асоснок гардад.

5. Дар қисмати ташкили ҳисоботҳои идоракунӣ ҳамчун воситаи идоракунии хавфҳои бонкӣ, масъалаи ҳамгироии системаи пешниҳодшуда бо платформаҳои рақамии муосири бонкӣ метавонист бо таҳлили иловагии амалӣ пурратар равшан гардад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия**

Диссертатсияи **Барнои Файзи Тағоймуродзода** ҳамчун кори илмии ба анҷом расида ба ҳисоб рафта, таркиб ва сохтори он бо тавсияву асосноккунӣ дар сатҳи баланди илмӣ-назариявӣ навишта шуда, ба талаботҳои гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ, омода намудани диссертатсия ва ташхиси диссертатсия дар шурои диссертатсионӣ ва дигар талаботҳои муқаррарнамудаи "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267) ҷавобгӯ мебошад. Рисолаи илмии довталаби дараҷаи илмӣ ба меъёрҳои гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ, омода намудани диссертатсия ва санҷиши кори диссертатсионӣ дар Шурои диссертатсионӣ ва дигар талаботи Низомномаи Шурои диссертатсионӣ, тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва тартиби бақайдгирии давлатии рисолаҳои дифоъшуда, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон № 267 аз 30 июни соли 2021 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия бо забони фаҳмо бо истилоҳоти қабулшуда навишта шудааст, ороиши диссертатсия тағйиротро талаб намекунад. Автореферат ва 13 мақолаҳои илмии ба нашр расондаи довталаб таркиби асосии диссертатсияро дар бар гирифта, натиҷаҳои таҳқиқотро ҳамчун дастоварди нави илмӣ ҳисобидан мумкин аст. Ҷанбаҳои муҳими мундариҷаи кор дар автореферат инъикос ёфтаанд, ки предмети асосии дифоъ мебошанд. Бинобар ин, талабот дар ин бобат дар маҷмуъ қонеъ карда мешавад.

**Хулоса**

Таҳқиқоти диссертатсионии Барнои Файзи Тағоймуродзода дар мавзуи "Таъминоти методии ташкили контроллинг дар бонкҳои тиҷоратӣ", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.18. - Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит пешниҳод шудааст, кори илмии мукаммал ва ба анҷомрасида буда, дар он натиҷаҳои нави назариявӣ, методологӣ ва амалии аз ҷиҳати илмӣ асоснок ба даст оварда шудаанд. Мубрамӣ, навгонӣ, асоснокии муқарраротi асосии илмӣ, хулоса ва пешниҳодҳо, инчунин

аҳамияти он барои илми иқтисодӣ ва амалияи пешбурди контроллинг дар бонкҳои тиҷоратӣ гувоҳӣ медиҳад, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ ба тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он - Барнои Файзи Тағоймуродзода барои додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.18- Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит сазовор мебошад.

Дар ҷаласаи кафедраи баҳисобгирии муҳосибии ДДМИТ 19- нафар иштирок доштанд. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 19 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

Тақриз дар ҷаласаи васеи кафедраи баҳисобгирии муҳосибии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон баррасӣ ва тасдиқ карда шуд. (протокол № 8 аз 5.03.2026).

**Раиси ҷаласа:**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент — Бобомуродов Б.Э.

**Эксперт:**
тақризро омода намуд, доктори
илмҳои иқтисодӣ, профессор — Кошонова М.Р.

**Котиби ҷаласа:**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент — Олимов Д.А.

Имзои номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Бобомуродов Б.Э., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Кошонова М.Р. ва номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Олимов Д.А.-ро тасдиқ менамоям:

Сардори шуъбаи кадрҳо ва
корҳои махсуси Донишгоҳи
давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон — Мирҷамолов М.А.

Суроғаи муассисаи пешбар:
734061 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Нахимов, 64/14.
Телефон: (+992 37) 2211937; 2310843.
Факс: (+992 37) 231-02-01 http://tgfeu.tj/ru;
E-mail: tgfeu@tgfeu.tj.